# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).**

Парвандаи аттестатсионии № _______________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.12.2025, №8

**Барои сазовор донистани Яқубшоев Афруз Хубоншоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос.**

Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 10- уми октябри соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Яқубшоев Афруз Хубоншоевич 6- уми декабри соли 1988 дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд ёфта, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ соли 2007 таҳсилоти миёнаро дар МТМУ № 36-и ноҳияи Шуғнон гирифтааст. Солҳои 2008-2012 дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ таҳсил намудааст. Солҳои 2014-2015 зинаи магистратура ва солҳои 2015-2018 зинаи доктори фалсафа PhD-аз рӯйи ихтисоси таърих дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Қаҳҳор Расулиён** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Абдуллоев Маҳмуд Холович** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

2. **Амроев Умедҷон Мамадхонович** - номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

**Муассисаи пешбар:** МДТ«Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) бо имзоҳои **раиси ҷаласа**, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик Сайнаков С.П., **ташхисгар,** номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Ганҷакова М.Г., ва **котиби ҷаласа** – Ёров М.Ҳ. бо суратҷаласаи №4, аз 15 ноябри соли 2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло аз 17.11.2025 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд.

Мазмуни тақриз мусбӣ мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Яқубшоев Афруз Хубоншоевич муаллифи 13 интишорот, аз ҷумла 6 адад мақолаи тақризшаванда оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

1. **Яқубшоев А.Х.** «Парасту»- зодаи Истиқлолият / **А.Х. Яқубшоев** // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- №3/5 - Душанбе, 2017. – С. 153-159.
2. **Яқубшоев А.Х.** Театральное искусство суверенного Таджикистана и вклад театров в развитие общей культуры населения / **А.Х. Яқубшоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- №2 - Душанбе , 2018. –С. 73-80.
3. **Яқубшоев А.Х.** Санъати синамои тоҷик дар солҳои истиқлолият ва тамоюли рушди он / **А.Х. Яқубшоев** // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 8 - Душанбе, 2019. - С.212-216.
4. **Яқубшоев А. Х**. Театральное искусство в Республике Таджикистан: прошлое и настоящее развитие / **А.Х. Яқубшоев** // Вестник науки. - №12(57) – Тольятти, 2022. -С.576-589.
5. **Яқубшоев А.Х**. Нақши фестивал-озмуни «Дидор» дар густариши ҳунари синамои тоҷик / **А.Х Яқубшоев //** Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 2 (50). –Душанбе, 2023.- С. 278-282.
6. **Яқубшоев А.Х., Расулиён Қ.Р.** Возрастание роли театрального искусство в современном обществе. / **А.Х Яқубшоев, Қ.Р. Расулиён** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 3 (55). –Душанбе, 2024.- С. 339-345.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Яқубшоев Афруз Хубоншоевич ворид шудаанд:

1. **Тақризи Умарова Зарина Ходжамахмадовна** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи маданиятшиносии факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии «Донишгоҳи славянии Русияву-Тоҷикистон». Эродҳо вуҷуд надоранд.
2. **Тақризи Муродов С.С.** – н омзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносӣ МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон». Эродҳо вуҷуд надоранд.
3. **Тақризи Пирумшоев Ҳ. –** доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ. Эродҳо вуҷуд надоранд.
4. **Тақризи Қодиров С.С.** – номзади илмҳои таърих, и.в., дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии «АИД назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Эродҳо вуҷуд надоранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- барраси намудани вазъи театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият;
- муайян намудани вазъи муосир ва пешомадҳои рушди фарҳанг ва мақоми соҳаҳои санъат дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолии ҷумҳурӣ;
- инъикоси фаъолияти театри тоҷик ва муайян намудани душвориҳою мушкилот вобаста ба рушди он;
- нишон додани мақом ва нақши санъати синамо дар тарбияи фарҳангӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва дарки эстетикии шаҳрвандони ҷумҳурӣ;
- нишон додани саҳми мутахассисони ҷавон дар инкишофи санъати мусиқии тоҷик.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст.**

Асарҳои олимони таърихшинос ва фарҳангшиносони маъруф ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ ба сифати асоси методологии тадқиқот мавриди истифода қарор дода шуданд. Муаллиф методи муқоисавӣ-таърихии баёни воқеии самтҳо ва марҳилаҳои асосии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият истифода намудааст. Ҳангоми таҳлили маводи аслӣ, муаллиф методи муқоисавиро ба таври васеъ истифода намудааст, ки барои муайян намудани хусусиятҳо ва омилҳои рушди фарҳанг имкон дод. Ҳамчунин, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ин раванд муайян карда шудаанд ва барои бартараф намудани камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта тавсияҳо ва пешниҳодҳо баён карда шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- ба таври системавӣ муайян намудани арзишмандии методологияи омӯзиши вазъи санъати саҳнавии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият;
- ошкор намудани таъсири муҳити сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа;
- баррасӣ намудани вазъияти умумии санъати саҳнавӣ, бахусус театр, мусиқӣ ва синамо;
- таҳлил намудани ҳолати рушди санъати театр, мусиқӣ, синамо;
- ошкор ва таҳлил намудани таъсири вижагиҳои муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба вазъи санъати саҳнавӣ дар даврони истиқлолият;
- баррасӣ намудани мушкилоти ҷойдошта дар пешрафти санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 19- уми декабри соли 2025 оид ба сазовор донистани Яқубшоев Афруз Хубоншоевич бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктори илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок дошта дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

19.12.2025,
Ҷ.М